**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисосӣ 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

«29» 03 соли 2024 ш. Душанбе

Диссертатсияи номзадии диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» ба баррасии маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва англисӣ, гурӯҳбандии маъноии ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда, ҳамчунин нишон додани таҳлили муқоисавии сохти ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшавандаи мазкур чун низоми яклухт бахшида шудааст.

Таҳқиқи пурраи роҳу омилҳои, тобишу воситаҳои ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ҷумлаҳои мураккаб дар системаи грамматикии забон ҷойи асосиро ишғол менамоянд, воҳиди забониеро фаро мегиранд, ки барои баёни маълумот, таъмини маъноии муошират ва муносибати одамон хизмат мекунад. Гурӯҳбандии онҳо аз нигоҳи сохт сермаъноӣ ва муносибати забонӣ шароит фароҳам меорад, ки ҳамин навъ як низом дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби забони муосири тоҷикӣ ҷорӣ гардад ва бозбинӣ аз мавзуи мазкур аз ҳамин хотир зарур дониста шуд.

Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки масъалаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар сохтори наҳви забони адабии ҳозираи тоҷик яке аз хелҳои серистеъмолтарини ҷумлаҳои

мураккаб буда, ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ ба таври фаровон мавриди истеъмол қарор дорад.

Маҳз ҳамин паҳлуи масъала зарурате̄ро пеш овард, ки мавзуи мазкур ба сифати як таҳқиқи алоҳида ва бунёдӣ мавриди баррасӣ ва омӯзишу пажӯҳиш қарор дода шавад.

Ҳангоми таҳлилу баррасии моҳият ва асосҳои назарии таҳқиқ бештар ба таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ, ба монанди таҳқиқоти мавзуъ дар асоси маводи забоние сурат гирифтааст, ки аз осори адибони русу тоҷик М.Беленитский, Б. Ҳоҷизода (Наҳви забони тоҷикӣ, 1936), Х. Ҳусейнов (Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайвандаки замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик, 1960), А.Ю. Рубинчик (Современный персидский язык, 1960), М. Н. Қосимова (Ҷумлаҳои пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик, 1961), Д. Тоҷиев (Ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа, 1964; Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба, 1966; Воситаи алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик, 1971), Ш. Рустамов (Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайвандаки сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик, 1968), Ф.Зикриёев (Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик, 1977) гирдоварӣ карда шудаанд.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсияи муайян намудани хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва англисӣ, гурӯҳбандии маъноии ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда, ҳамчунин нишон додани таҳлили муқоисавии сохти ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшавандаи мазкур чун низоми яклухт мебошад..

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Тадқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима ва се боби асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашудаи илмӣ ва бадеӣ иборат аст.

Дар **муқаддима** оид ба гузориши масъала, зарурати интихоби мавзуъ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, методҳои таҳқиқ, маводи асосии таҳқиқ ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби якум –"Заминаҳои назариявӣ ва омӯзиши ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** унвон дошта, он аз се фасл иборат аст. Мундариҷаи фаслҳои боби мазкурро асосҳои назариявӣ, навъ ва вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дода шуда, дараҷаи корбурди онҳо дар осори мансур ва манзуми устод С. Айнӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

**Боби дуюм –"Вижагиҳои қиёсии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** номгузорӣ шуда, аз чор фасл таркиб ёфтааст. Дар фаслҳои боб ҷойи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаб тобеъ бо пайрави муайянкунанда ва таҳлили муқоисавии сохти ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда мавриди таҳлил қарор мегиранд.

**Боби сеюм** бо унвони **"Таҳлили сохтори маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** номгузорӣ шудааст ва аз чор фасл таркиб ёфта, гурӯҳбандии маъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони тоҷикӣ ва ҳамгунҳои онҳо дар забони англисӣ таҳлил мегардад.

Дар **хулоса** натиҷаҳои илмии бадастомада дар 8 банд ҷамъбаст шудааст. Феҳристи адабиёт тибқи талабот ва анъанаҳои мавҷуда таҳия шуда, 165 адад адабиёти хусусияти илмӣ, назариявӣ ва бунёдидоштаро дар бар мегирад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз

аз рӯйи ихтисоси 10.02.20- Забоншиносии муқосавӣ -таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 10 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки бевосита ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд.

Мубрамияти мавзуи таққиқ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳкиқ ва арзиши амалии онро ба назар гирифта комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ- қиёсӣ ва муқосавӣ ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст. Дар асоси банди 60-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад:

1. Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ –таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамоянд:

**2.1. Юсупова Зарина Розиқовна** – доктори илми филология, профессори кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

**2.2. Шарифова Адолатхон Шарифовна –** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”;

3.Ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод карда мешавад.

4.Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Турсунов Ф.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳматуллозода С. Р.

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Баротзода Ф.

«28» 03 соли 2024